***ББК 60.028.1***
***УДК 1М И 7(С53)***
***Д 42***

***Ҷ.Ҳ. ҶӮРАБОЕВ***

## АЗ НУБУҒИ ЭҲСОС ТО ПИЛЛАҲОИ ИРФОН

Таҷлили санаҳои муҳими таърихӣ, мавлуди ходимони давлатӣ, адибон, аҳли зиё дар гиромидошти арзишҳои миллӣ ва фарҳангӣ, ташаккули ҳофизаи таърихӣ нақш ва мавқеи муҳим дошта, то кунун дар сатҳи баланди ғоявию ташкилӣ, хотирмону ҷолиб ва пурсамар ҷашн гирифта шудани силсилаи ҷашнвораҳои бузургони миллату фарҳанги тоҷик монанди 675-солагии Шайх Камоли Хуҷандӣ, 680-солагии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, 1000-солагии Носири Хусрав, 1150-солагии Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, эълон шудани Соли Имоми Аъзам, таҷлили бузургдошти осори мондагори ниёгон мисли ҷашнвораҳои Авасто, «Шоҳнома», дар доираи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола эълон шудани Рӯзҳои Рӯдакӣ, Ҷалолиддини Румӣ ва амсоли ин иқдомҳои наҷиб аз сиёсати маънавибунёди Сарвари давлатамон сарчашма ва илҳом мегиранд. Соли ҷорӣ ба муносибати 600-солагии адиб ва мутафаккири бузурги машриқзамин эълон гардидани Соли Абдурраҳмони Ҷомӣ ва баргузории кунгураҳои муаззами Мавлоно дар саросари кишвари азизамон ҳамчунин аз идомаи суннатҳои неки давлатдории навини тоҷикон дарак медиҳад.

Дар иртибот ба ин бо қарори Раиси вилояти Суғд №21 аз 14 январи соли 2014 дар қаламрави вилоят баргузории гиромидошти 100-солагии Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ Ҳодӣ Кенҷаев (7 феврал), 90-солагии Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ Ҳамро Тоҳирова (8 март), 110-солагии шоир Муҳиддин Аминзода, 60-солагии Шоираи халқии Тоҷикистон Зулфия Атоӣ (15 июн), 105-солагии Нависандаи халқии Тоҷикистон Раҳим Ҷалил (3 июн), 90-солагии шоир Муҳиддин Фарҳат (7 август), 85-солагии нависанда Пӯлод Толис (24 август), 150-солагии шоири маъруфи тоҷик Тошхоҷа Асирӣ ва нафароне чанд аз чеҳраҳои мондагори илму адаб ва фарҳангу сиёсат нишонаи боризи нақш ва мақоми заҳмату заҳматписандии афроди созанда дар такомули ҷомеа ба сӯи саодати азалист.

Боиси хушнудӣ ва ифтихори бепоён аст, ки дар радифи ин тантанаҳо бо қарори мазкур ҳамчунин 50-солагии мавлуди Шоираи халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ шоира Фарзона дар сатҳи баланд таҷлил мегардад. Ба ин мақсад дар қаламрави шаҳру навоҳии вилояту ҷумҳурӣ баргузор гардидани нишасту вохӯриҳои хубу хотирмон, маҳфилҳои шеъру суруди шоираи ширинкалом, ташнагони ашъори ноби ин суханвари мумтозро сероб гардонида, табъу нашри силсилаи пажӯҳишоти илмӣ роҷеъ ба паҳлӯҳои мухталифи эҷодиёти суханвар ҳавзаҳои илмии кишварро бо

бозёфтҳои арзишманди илмӣ ва навидҳои тозаи адабӣ ғановат мебахшанд. Таъсиси саҳифаи илмию адабӣ ва оммавӣ бахшида ба рӯзгор ва осори шоира таҳти унвони «Каъбаи ҷон» дар рӯзномаи «Ҳақиқати Суғд», мунтазам интишор ёфтани мақолаҳои олимону адибон, адабиётшиносон дар васоити ахбори оммаи вилояту ҷумҳурӣ, аз ҷумла ҳафтавори «Адабиёт ва санъат» (6), нашрияи «Паёми Суғд» (5) ва ғайра баёнгари муҳаббати бепоёни халқ, аҳли илм, адабу фарҳанг ба шеъри ноби шоира буда, ҳамзамон аз арзиши шоён ва баланди илмиву адабӣ ва бадеӣ бархурдор будани доираи фарохи эҷодии шоираи ширинбаёни тоҷик Фарзонаро ба тасбит мерасонад. Ҳамаи ин, дар навбати худ аз саҳм ва нақши арзишманду мондагори адиба дар рушд ва такомули назми муосири тоҷик ва фарҳангу маданияти миллӣ дарак медиҳад.

Табиист, ки фаҳму дарки маънии баланд завқу салиқаи баланд, мутолиоти фарогир ва ҳамчунин назари дақиқи маънишиносиро тақозо намуда, муҳимтарин авомили дарёфти асли матлабҳо дар радифи осори лексикографӣ дар дастаи махсуси марҷаъҳо - шарҳҳои осори адабӣ аз ҷониби шореҳон шарҳу баён ва кашфу корбаст гардидаанд. Устоди равоншод Абдулманнони Насриддин таваҷҷӯҳи мубтадиёнро ба се ҷиҳати шинохти маъно ҷалб намуда, таъкид доштаанд, ки аниқ донистани маънии калимаву иборахо ва дар навишт ё хаёл ҳосил намудани ашколи насрии байт аз шартҳои ҳатмии шинохти маънии рангин ба шумор меояд. Дар ин радиф эшон доир ба моҳияти омили сеюми кашфи маънии сухани адиб зикр намудаанд, ки ин ҷиҳат аз ҳама мушкил ва пурихтилоф буда, «бояд ангезаи аслии фикри адиб муайян гардад, ё ҳадди ақал заминаи илҳомоти шоирӣ ва ангезаи тафаккури адибонро ҷустуҷӯ намоем. Яъне, чун мехоҳем, гавҳари маъно ба даст орем, бояд муайян созем, ки маъдани он аз кадом кон аст. Ин ҷо манзури мо кони тахайюл ё кони таҷаллиёти кайҳонӣ ё рӯҳонӣ, ё олами зоҳирӣ, ё румузи ирфонӣ ва амсоли инҳост. Он талаб дорад, ки хонандаи муҳаққиқ бо адиби фозили соҳиби илҳомоти ғайбӣ ҳамсухан ва ҳамнаво гардад, то ба дараҷаи андешаҳои ӯ боло равад, мояи ангезиши эҳсос ва тафаккури ӯро дарёбад ва шиносад. Он гоҳ сафаҳоти маъно чун сафаҳоти китоб ба рӯи ӯ боз хоҳад шуд» (3, с.134).

Фаҳму дарки матолиби дарёи бекаронаи хаёлоти рангини шоираи соҳибсабк имрӯз тақозои онро дорад, ки фарҳанги ибороту таркиботи нафиси шеъри ӯ таҳия ва интишор ёбад. Боиси хушнудӣ ва дастгирист, ки бо ибтикори ду нафар аз ихлосмандони каломи бадеъ - Фариштаи Назар ва Адибаи Хуҷандӣ интихобаҳои фарҳанги муаллифии шеъри шоира таҳти унвони «Фарҳанги Фарзона» қисм-қисм тавассути нашрияи «Паёми Суғд» (5) ба ҳаводорони худ пешниҳод мегардад. Иқдоми мазкур дар шинохти дурусти маънии шеър нақши муҳим дошта, ҷиҳати дарки тобишҳои сувариву хаёлии ашъори на танҳо Фарзона, балки умуман шеъри муосир муфид хоҳад буд.

Дар радифи осори баландпояи Фарзона, ба монанди «Тулӯи хандарез» (Душанбе, 1987), «Шабохуни барқ» (Душанбе, 1989), «Ояти ишқ» (Душанбе, 1994), «То бекаронаҳо» (Хуҷанд, 1998), «Меъроҷи шабнам» (Душанбе, 2000), «Қатрае аз Мӯлиён» (Хуҷанд, 2003), «Як ғунча роз» (Хуҷанд, 2005), «Мӯҳри гули мино» (Хуҷанд, 2006), «Сад барги ғазал» (Хуҷанд, 2008), «Саду як ғазал» (Душанбе, 2011), «Себарга» (Хуҷанд, 2011), «Парниёни ҷон» (Душанбе, 2011),

«Набзи борон» (Теҳрон, 2013) тариқи нашриёти «Адиб» ба нашр расидани маҷмӯаи хотирот ва нигоштаҳои суханвар таҳти унвони «Дарёи сӯзон» армуғони арзишманди шоира ба ҷашни 23-юмин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, баҳри хонандагонаш аз фаязони сӯҳбатҳои нобиғагони илму адаби кишвар, монанди Сотим Улуғзода, Лоиқ Шералӣ, Муҳаммадҷон Шакурӣ, Абдулманнони Насриддин, Аъзам Сидқӣ ва дигарон бори дигар навиди тоза меорад.

Лозим ба таъкид аст, ки ашъори Фарзона фарогири мавзӯъҳои мухталифи иҷтимоӣ, ахлоқӣ, фалсафӣ, ишқӣ ва амсоли инҳо буда, хонандаро ба кӯи андешаҳои дур мекашад. Навпардозиву суварнигории нозуки хаёлоти нафис бо корбурди таркибу таъбироти нотакрору камназири шоирона дар раванди эҷоди маъниҳои наву бикр истеҳкому истиқлол бахшида, балоғати сухани адибаро дар меҳвари адаб вусъат бахшидаанд. Хонандаи закитабъ бо сароҳият дарк хоҳад намуд, ки аз нахустин шеърҳо то ба маҷмӯаҳои ахиран ба нашр расидаи ашъор такомул ва рушди фардию ҳунарии суханвар дар майдони фарохи адаб боризан ба ҷилва омада, ҷаҳони рангини андешаҳои шоира аз доираи тааллуқоти заминӣ то фарози осмонҳо сууд меёбад, ӯ шеъри дил мехонад.

Ашъори ин шоираи рангинхаёл дар донишгоҳи мо низ ҳаводорони зиёд дошта, раёсати донишгоҳ пайваста баҳри такомули фарҳангу маънавиёт ва ҳисси зебоиписандии насли ҷавон тадбирҳои судманд меандешад. Пайваста доир гардидани мулоқотҳои судманд бо аҳли адабу фарҳанг далели равшани ин гуфтаҳост. Суханрониҳои баландпарвози шоира борҳо маҳфилҳои илмию адабии аҳли донишгоҳро шукӯҳу тароват бахшида, дар дили шефтагони каломи бадеъ меҳри беандозаро нисбат ба пешаи суханварӣ ангеза додааст. Маро ин дам сӯҳбатҳои гуворои шоира дар бахши адабию фарҳангии конференсияи илмии байналхалқии донишгоҳ - «Тоҷикистон ва муносибатҳои байналхалқии муосир: ҷаҳонишавӣ ва манфиатҳои минтақавӣ» (19-20 майи 2007), маҳфилҳои «Ганҷи сухан», қисми адабию мусиқии конференсияи ҷумҳуриявии «Абдурраҳмони Ҷомӣ ва масоили рушди фарҳангсолорӣ дар тамаддуни Шарқ» (26 сентябри соли 2014) ба хотир меоянд. Ин лаҳзаҳо дар замири иштирокдорон ва меҳмонони ҳамоишҳои донишгоҳ абадӣ нақш бастаанд ва умедворам, ки ин робитаи пурфайз солиёни дароз аҳли донишгоҳи моро бо шоира ва каломи ноби ширини тоҷикӣ ба ҳам мепайвандад.

Дар мавриди нақш ва мақоми иртиботи ҳамкорӣ бо Фарзонабону метавон хеле ҳарф зад. Аммо мехоҳам бо ин чанд нуктаи мухтасар иктифо намуда, аз номи ҷомеаи меҳнатии донишгоҳ устоди сухан Фарзонабонуро бо милоди ҳуҷастаи умр самимона таҳният гӯям, барояшон саломатӣ, умри дароз, парвозҳои боз ҳам баландтари эҷодӣ ва фитриро таманно намоям.

Раёсати Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ҳамчунин дар истиқбол аз ин ҷашни муборак ва фархундаи милоди шоираи мумтоз тасмим гирифт, ки шумораи навбатии маҷалларо омодаи нашр намояд. Умедворем, ин иқдом дар таҳқиқи осори бегазанди Фарзона муфид ва ҳаводорони завқи баланди бадеиро судманд хоҳад буд.

***Калидвожаҳо:*** *назми муосири тоҷикӣ, Фарзона, адабиёт ва фарҳанг, арзишҳои миллӣ, ашъори Фарзона*

**_Пайнавишт:_**

1. *Олимҷонов, М. Муруре бар калимасозиҳои устоди сухан //Ҳақиқати Суғд, №98(17311), аз 14 августи 2014.*
2. *Сатторзода, А. Аз фарши иҷтимоъ то арши кибриё //Ҳақиқати Суғд, №89 (17302), аз 24 июли 2014.*
3. *Тазкираи адибони вилояти Суғд. –Хуҷанд: Ношир, 2004. -340с.*
4. *Файзуллоев, Н. Ғазалсарои маъруфи давр // Ҳақиқати Суғд, №107(17320), аз 4 сентябри 2014.*
5. *Фарҳанги Фарзона. Таҳияи Фариштаи Назар ва Адибаи Хуҷандӣ //Паёми Суғд, №7, 2014.*
6. *Ҳасанов, А. Ҳарфи тозаи Фарзона // Адабиёт ва санъат, №37(1748), аз 11 сентябри 2014*

**_Reference Literature:_**

1. *Olimjonov M. The View upon Verbal Creation of Word Master // Khakikati Sughd, #98 (17311). August 14, 2014.*
2. *Sattorzoda A. From the Trivial to the Divine // Khakikati Sughd, #89 (17302), July 24, 2014.*
3. *Anthology of Sughd Voliyat Men-of-Letters` Works. – Khujand: Noshir, 2004. –340 pp.*
4. *Fayzulloyev N. The Famous Poetess of Contemporaneity // Khakikaty Sughd, #107 (17320), September 4, 2014*
5. *Vocabulary of Farzona`s Creation // Payomi Sughd, #7, 2014*
6. *Khasanov A. Innovation in Farzona`s Word Creation // Literature and Art. #37 (1748), September 11, 2014.*

## *Фарзона – достойный продолжатель традиций великой персидско-таджикской поэзии*

***Ключевые слова:*** *современная таджикская поэзия, Фарзона, литература и культура, национальные ценности, сборники стихов Фарзоны*

*Статья посвящена историческим и юбилейным событиям, юбилеям государственных деятелей, представителей интеллигенции, а также 50-летию народного поэта Таджикистана Фарзоны. Проведение подобных торжественных мероприятий в период после обретения Таджикистаном государственной независимости имеет важное значение в воспитании уважения к национальным и культурным ценностям и укреплении исторической памяти народа. Автор постарался раскрыть новаторскую роль и значительное место творчества Фарзоны в развитии современной таджикской поэзии и национальной культуры. Особенно подчеркивается, что творения Фарзоны заставляют читателя задуматься о многообразии и богатстве жизненной тематики, так как в её стихах отражены социальные, философские, любовные, воспитательные и другие проблемы общества. Также в статье сообщается о творческих вечерах поэтессы, которые проводятся в рамках мероприятий, посвящённых великим деятелям культуры республики. Неоднократно поэтесса принимала участие в торжественных мероприятиях, проводившихся в*

*университете, на которых читала многочисленным поклонникам свои одухотворенные стихи.*

***Farzona as a Worthy Successor of the Traditions of the Great Persian-Tajik Poetry***

***Key words:*** *modern Tajik poetry, Farzona, literature and culture, national value, jubillee, collection of Farzona`s Poems*

*The article dwells on history and jubilee events, anni-versaries of state votaries, repressentatives of intellectuals, and also on the 50-th aniversary of people`s poetess of Tajikistan Farzona. Celebration of solemn events in the period of state independence acquired by Tajikistan is of great importance in the cause of upbringing of respect for national and cultural values and consolidation of the people`s historical memory. The author made an endeavour to disclose the innovatory role and the significant place of Farzona`s creation in the development of modern Tajik poetry and national culture. The author emphasizes especially that Farzona`s creation makes the reader get pensive over variety and richness of life thematics, as her poems reflect social, philosophical, educational and other problems, love inclusive. The author also presents the facts related to creative evenings of the poetess conducted in the frames of the arrangements devoted to the great votaries of the culture of the republic. Multiple times the poetess took part in solemn events conducted at the University where she recited her spiritual poems for numerous admirers.*

***Роҷеъ ба муаллиф:***

***Ҷӯрабоев Ҷамшед Ҳабибуллоевич,*** *номзади илмҳои таърих, дотсент, ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, сармуҳаррири маҷаллаи «Ахбори ДДҲБСТ», (Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд), e-mail: jurabaev.jh@mail.ru*

***Сведения об авторе:***

***Джурабаев Джамшед Хабибуллоевич,*** *кандидат исторических наук, доцент, ректор Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики, главный редактор журнала «Вестник ТГУПБП» (Республика Таджикистан, г. Худжанд), e-mail: jurabaev.jh@mail.ru*

***Information about the author:***

***Jurabayev Jamshed Khabibullayevich****, Candidate of Historical Sciences, Associate Professor, rector of TSULBP, editor-in-chief of the journal "Bulletin of TSULBP" – edition of the Tajik State University of Law, Business and Politics (Tajikistan, Khujand), e-mail: jurabaev.jh@mail.ru*